Ба Шурои диссертатсионии **6D.КОА-016**-и
назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба
номи Шириншоҳ Шоҳтемур (734003,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146,
E-mail: olimov-1976@mail.ru,
rektortau31@mail.ru, www.tajagroun.tj)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шарифзода Намозали Субҳиддин дар мавзуи «Самаранокии иқтисодии рушди парандапарварӣ (дар мисоли корхонаҳои парандапарварии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ пешниҳод шудааст.**

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ дар самти рушди иҷтимоию иқтисодӣ, таъмини устувории макроиқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум, бунёди иншооти иҷтимоӣ, ба кор андохтани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ва фаъолгардонии иқтидорҳои мавҷуда ба дастовардҳои назаррас ноил гардида, дар арсаи байналмилалӣ мавқеи хоса пайдо намуд.

Дар шароити иқтисоди инноватсионӣ баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ муҳимтарин вазифаи иҷтимоию иқтисодӣ дар комплекси агросаноатӣ мебошад. Дар доираи татбиқи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» афзалиятҳои мушаххас дар комплекси агросаноатӣ «тавсеа додани дастрасӣ ва саҳм дар таъмини фаровони маҳсулоти озуқа, сифат ва бехатарии он дар асоси гузариш ба дараҷаи баланди индустриализатсия ва рушди босуботи пешгирикунандаи бахши аграрӣ дар асоси ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ва аз ҷиҳати экологӣ бехатар» маҳсуб меёбад.

Ҳалли ин масъала айни замон ба ҷараёни сиёсати аграрӣ, ки ба такмил додани фишангҳои иқтисодии идоракунӣ ва фароҳам овардани фазои мутамаддини иқтисодии бозор нигаронида шудааст, тобеъ аст. Модернизатсияи техникӣ ва технологиро ҳамчун самти асосии барномаи соҳавии рушди кишоварзӣ муқаррар карда, мақомоти ҳокимияти ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ татбиқи онро дар асоси истифодаи принсипҳои равиши кластерӣ ва шарикии стратегии субъектҳои хоҷагии қишлоқ ташкил мекунанд, ки комплекси агросаноатӣ ва манфиатҳои молӣ истеҳсолкунандагони кишоварзӣ ва сармоягузорони хусусиро ифода мекунанд.

Муаллиф иброз намудааст, ки дар ҷумҳурӣ солҳои охир соҳаи парандапарварӣ босуръат рушд карда истодааст, ки суръати баландтарини инкишоф маҳз дар ҳамин соҳа ба даст оварда шудааст. Аммо, ҳанӯз ҳам самаранокии истеҳсоли маҳсулоти паранда паст боқӣ мемонад, ки ин такрористеҳсоли васеъро дар заминаи инноватсионӣ боз медорад.

Қобили зикр аст, ки ҳарчанд истеҳсоли дохилии гӯшти мурғ асосан аз ҳисоби талаботи дохилии бозор пӯшонида мешавад, вале ба ҳар ҳол талаботи аҳолӣ ба тухм ва маҳсулоти тухмӣ аз таъминоти беруна вобастагӣ дорад. Рақобат дар ин бахши бозор хеле баланд аст ва истеҳсолкунандагони хориҷӣ нисбат ба фабрикаҳои парандапарварии ватанӣ бартарии рақобатӣ доранд. Дар асоси ин, дар диссертатсия барои пурзӯр намудани дастгирии давлат нисбат ба парандапарварӣ як қатор тадбирҳо пешниҳод шудааст, аз ҷумла дар кишвар таъсис додани хоҷагиҳои селексионию зотпарварӣ ва хоҷагиҳои калони парандапарварӣ, ки таъсиси онҳо бе дастгирии давлат имконнопазир аст. Барои ин мақсадҳо тавсия дода мешавад, ки воситаҳои таъсиррасонии пулию молиявӣ, сармоягузорӣ ҳам дар сатҳи соҳа ва ҳам дар сатҳи субъектҳои хоҷагидорӣ истифода шаванд.

Ин гуфтаҳо мубрамияти мавзуъро нишон дода, мураккабӣ ва гуногунсоҳа будани масъалаи танзим ва роҳандозии минбаъдаи соҳаи парандапарварӣ дар пояи таъминоти пайваста ва устувору хоссаи озуқаворӣ тасдиқ менамояд.

Дуруст ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо он муайян карда мешавад, ки муаллиф усулҳои мушаххаси илмиро дар ҷараёни кор истифода бурдааст, ки заминаи назариявӣ ва пояҳои бунёдии назарияҳои илмӣ иқтисодро нишон медиҳанд. Инчунин муқарраroти илмӣ ва тавсияҳои амалии кори диссертатсионӣ таҳияшуда имкон медиҳанд, ки дар сатҳи нисбатан илмӣ ва методӣ муаммоҳои самаранокии иқтисодии рушди парандапарварӣ дар корхонаҳои парандапарварии ҷумҳурӣ ҳалли ҳамаҷонибаи худро ёбанд. Баъзе коркардҳои илмии натиҷагиришудаи диссертатсияро дар ҷараёни таълим ва таҳияи барнома ва стратегияҳои давлатӣ истифода бурдан мумкин аст.

Дар баробари бартариятҳо дар автореферати диссертатсия, инчунин камбудию норасогӣ низ дида мешавад.

-муаллиф методикаҳои муосири таҳлили иттлоотиро барои ҳисоб кардани нишондиҳандаҳои «Самаранокии иқтисодии рушди парандапарварӣ (дар мисоли корхонаҳои парандапарварии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» дар автореферат кам истифода кардааст.

- дар кори илмӣ иштибоҳҳои услубӣ ва имлои ба назар мерасанд.

Эродҳои қайдшуда хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионии муаллифро коҳиш намедиҳад ва ҳамчун тавсия барои баланд бардоштани сифати кор қайд карда шудаанд.

Қобили зикр аст, ки автореферати диссертатсияи Шарифзода Намозали Субҳиддин дар мавзуи «Самаранокии иқтисодии рушди парандапарварӣ (дар мисоли корхонаҳои парандапарварии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ихтисоси 08.00.04.02 - иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ пешниҳод шудааст, ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси дар боло зикршуда мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

муовини ректор оид ба таълими
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҳамдамзода Х.А.

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Бохтар, кучаи Айнӣ,67.
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»
Тел: (+992 3222) 2 45 20; 2 54 81
E-mail: bgu-1978@mail.ru

Имзои Ҳамдамзода Х.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ. А.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС